«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи академик
М.С. Осимӣ д.и.и., профессор
_________ Давлатзода Қ.Қ.
«___» __________ 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи «Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик» барои дарёфтӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Баррасии масоили идеяи баробарии иҷтимоӣ аз замонҳои қадим диққати донишмандони соҳаҳои гуногунро ба худ ҷалб кардааст ва бо пешрафти тамаддун ин ҷараён боз ҳам бештар вусъат мегирад, зеро фаҳмиши адлу адолат дар ҳолати рушди ҳамешагӣ бо рушди ҷомеа қарор дошта, ба унвони яке аз идеяҳо дар ҷомеа зуҳур мекунад. Аз ин рӯ, диққати ҷомеашиносон ба масъалаҳои гуногуни илмии тафсир ва татбиқи талаботи идеяи баробарии иҷтимоӣ ҷалб гардида, ҷиҳати таҳқиқи ин масоил садҳо асару мақолаҳо дар замони гузаштаю имрӯз руйи кор омадаанд, ки дар ҳалли мушкилоти соҳа саҳми муносиб гузоштаанд. Дар робита ба ин, соҳаҳои таҳқиқот мукаммал шуда, роҳу воситаҳои таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи масъалаи адолати иҷтимоӣ ба риштаи таҳқиқ кашида мешавад. Актуалияти ин қазия аз он иборат аст, ки аз ҳалли он бо бисёр масоили рушди ҷомеа, аз он ҷумла масъалаҳои марбут ба сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, ҷаҳонбинӣ ва дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ вобаста мебошад. Чунонки диссертант қайд мекунад, «Проблемаи баробарии иҷтимоӣ, адолати иҷтимоӣ ва озодии шахс дар ҳамаи давру замон фикри шахсиятҳои машҳури таърихиро ба худ ҷалб намудааст. Бояд эътироф кард, ки тамоми

таърихи инсоният низ таърихи муборизаҳо барои адолат, озодӣ ва баробарӣ буда аст. Муборизаҳо, идея ва идеалҳо оид ба ин масъала аз давраи қишрбандишавии муносибатҳои ҷомеа оғоз гардиданд, зеро маҳз ҳамин ба қишрҳои мухталиф ҷудо шудани ҷомеа сабабгори пайдоиши нобаробарии иҷтимоӣ гардид. Дар меҳвари чунин раванд бошад, ҳаёти инсон меистод» (дисс. С-3)

Дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои назарияпардозони илмҳои фалсафӣ, иҷтимоиёт, сиёсӣ, муҳаққиқони барҷастаи Ғарб, Россия, тоҷик ва ғайра, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ ру овардаанд, такя намудааст.

**Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Дараҷаи омузиши мавзуъ мувофиқ ба меъёрҳои илмӣ таҳия гардида, таҳқиқталаб будани он нишон дода шудааст. Диссертант тавонистааст, ки объект, предмет, ва максади таҳқиқи худро муайян намуда, ҷиҳати ноил гардидан ба он вазифаҳои мушаххасро гузошта, натиҷаҳои назарраси илмӣ ба даст орад

Таҳлили диссертатсияи Салимов А.И. нишон медиҳад, ки ҳамоҳангӣ ва пайванди мантиқӣ дар тамоми қисматҳои кор вуҷуд дошта, натиҷаҳои бадастомада аз иҷрои вазифаҳо, навгониҳо аз ҷанбаҳои ба химоя пешниҳодшаванда бармеоянд. Дар қисмати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо низ асоснок буда, арзиши амалии диссертатсияро ифода менамоянд. Муҳаққиқ кушиш намудааст, ки назарияҳои мухталифро оид ба масъалаҳои идеаи баробари иҷтимоӣ, ки аз ҷониби донишмандони тоҷики асри бостон ва асрҳои миёна пешниҳод шудаанд, таҳқиқу барраси намуда, хулоса ва тавсияҳои илман асоснокро пешниҳод намояд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ аз методҳои муқоисавӣ, системавӣ ва сохторию функсионалӣ барои омузиши унсурҳои таркибии баробарии иҷтимоӣ истифода бурда, таъсири онро ба ҷомеаи инсони нишон додааст. Дар раванди таҳқиқоти мазкур муаллиф ба

консепсияҳои классикӣ, назарияҳои муосир такя намуда, идеяи адолатро дар раванди таърихи нишон додааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Диссертатсияи Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзуи «Идеяи баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик» барои дарёфтӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа мувофиқат мекунад.

**Саҳеҳӣ ва навгоиии илмии таҳқиқот.** Навгониҳои илмии диссертатсия пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал ба таври комплексӣ ақидаҳои мутафаккирони тоҷик дар бораи баробарии иҷтимоӣ ва нақши он дар ҳаёти ҷамъиятӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст. Муаллиф дар навгони илмӣ оид ба идеяи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти намояндагони машшоияи шарқӣ аз ақидаҳои мутафаккирони Юнон ва Рими қадим нишон дода хусусиятҳио фарққунандаро баррасӣ намудааст.

Ба таври мушаххас навгонии кори диссертатсионӣ дар он аст, ки:
дар он нуктаҳои назари мутафаккирон перомуни баробарӣ, аз ҷумла "баробарии сиёсӣ", "баробарии иқтисодӣ" ва "баробарӣ дар имконият" баррасӣ шудааст;

-тасдиқ гардид, ки дар таълимоти маздакия "баробарии иқтисодӣ" асоси баробарии воқеӣ дониста шуда, инсонҳо дар имконият ва натиҷаҳои иқтисодӣ бояд баробар бошанд;

- муайян карда шудааст, ки идеяи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти намояндагони машшоияи шарқӣ аз ақидаҳои мутафаккирони Юнон ва Рими қадим сарчашма гирифта, хусусиятҳои хос дорад. Мутафаккирони тоҷик муътақиданд, ки "ҳокими одил" таъминкунандаи адолат ва баробарии иҷтимоӣ мебошад;

- исбот карда шуд, ки фазилат ва арзишҳои ахлоқии умумиинсонӣ, ки дар осори мутафаккирони асримиёнагии тоҷик ҷудо карда шудаанд, заминаи баробарии иҷтимоӣ ва адолат эътироф карда мешаванд;

- натиҷагирӣ шуд, ки идеяи баробарии иқтисодӣ, сиёсӣ, баробарӣ дар имконият ҳамчун асоси ҷомеаи боадолат дар таълимоти Маздак, Форобӣ ва Ҷомӣ дар шакли утопиявӣ таҳлил, баррасӣ ва хулосабарорӣ шудааст;

- муайян карда шуд, ки хушахлоқӣ ва муқаррароти динӣ меъёрҳое буданд, ки онҳоро мутафаккирони тоҷик заминаи баробарии иҷтимоӣ

меҳисобиданд. Ба ақидаи онҳо "ахлоқи ҷамъиятӣ", "худшиносӣ", "гузаштан аз худ", "маҳкум кардани эгоизм" баробарии иҷтимоиро таъмин менамоянд;

- тасдиқ карда шуд, ки барои мутафаккирони тоҷику форс дин дараҷаи пойдорӣ, устуворӣ, хушбахтӣ, саодатмандии сокинон, соҳибмаърифатӣ, ҳисси адолатпарварӣ ва эҳсосоти баробариро дар рухи инсонҳо бедор месозад;

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Арзиши назариявии диссертатсия аз он иборат аст, ки мавод ва хулосаҳои умумии он фаҳмиши навро оид ба дарки ақидаҳои фалсафию иҷтимоии мутафаккирони тоҷику форс, масъалаҳои баробарии иҷтимоӣ равшанӣ андохта, дар асоси онҳо муҳаққиқон имкон пайдо мекунанд, ки пахлуҳои дигари ин мавзуъро минбаъд мавриди муҳокима ва омӯзиш қарор диҳанд. Илова бар ин, маводи таҳқиқотӣ метавонад барои таҳқиқи ҷамъбастии масъала дар таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсатшиносӣ ва таҳияи маводи таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шавад.

**Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ**. Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, ки шаш зербоб доранд, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва руйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 167 саҳифаи матни компютерӣ аст.

**Боби якуми рисола бо номи «Баробари ичтимоӣ ва адолати иҷтимоӣ ҳамчун категорияҳои фалсафӣ-иҷтимоӣ ва инъикоси онҳо дар таълимоти динӣ ва фалсафии тоҷикон бостон»** аз ду зербоб иборат буда, дар он

масъалаҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи баробарӣ ва адолати иҷтимоӣ аз нигоҳи консептуалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби якуми боби якум "**Моҳияти "баробарӣ" ва "адолати иҷтимоӣ" ҳамчун категорияҳои фалсафӣ"** таъкид мегардад, ки баробарии иҷтимоӣ дар таърихи афкори иҷтимоӣ умдатарин масъалаи назариявӣ буда, бо масъалаи адолати иҷтимоӣ робитаи қавӣ дорад. Дар он ормонҳо, орзуҳо ва ҷомеаи идеалии мутафаккирон ва сиёсатмадорон аз давраҳои то пайдоиши давлат ва баъд аз пайдоиши он гирд омадаанд. Баробарӣ ва адолат ҳаргиз натиҷаи чунон амалияе нест, ки бе идеяи нухбагон ва мутафаккирон ва ҳисси баробархоҳии инсонҳо имконпазир гардад, зеро ҳар як воқеият натиҷаи мушаххаси амалишавии ягон идеяи муайян мебошад, ки дар шуури одамон ҳамчун зарурат зуҳур мекунад.

Муаллифи диссертатси бар он назар аст, ки "аз нигоҳи мо, "баробарӣ" – ин категорияи фалсафӣ буда, аз овонинаврасӣ ва аз вазъи муҳити иҷтимоӣ дар шуури инсонҳо шакл мегирад, эҳсосот ва тасаввуроти онҳоро дар бораи ҳуқуқ, сиёсат, иқтисод ва ахлоқ инъикос менамояд." (дисс. С.17)

Муаллиф инчунин ба хулосае омадаст, ки мафҳуми "баробарии иҷтимоӣ" дар маънои "баробарии иқтисодӣ" низ вомехӯрад, ки дар мавридҳои зиёд сабаби баҳсҳо ва норозигиҳо мегардад.

Дар зербоби дуюми боби якум – **"Масъалаҳои баробарӣ ва адолат дар таълимоти динӣ-фалсафии бостонии тоҷик**" таъкид мегардад, ки аввалин идеяҳои баробарии иҷтимоӣ характери тахайюлӣ доштанд ва дар шаклҳои ормонӣ зуҳур мекарданд. Дар чунин таълимот мавҷудияти ҷомеаи мукаммал, давлати мукаммал ва инсони комил имконпазир тасвир мешавад. Аммо таҷрибаи инсоният нишон медиҳад, ки ҷомеаи мукаммал ва давлати мукаммал дар асл вуҷуд дошта наметавонанд. Муаллифи рисола ба он назар аст, ки дар ин замина, таълимоти зардуштия, монавия ва маздакияро дар шинохти воқеияти иҷтимоӣ метавон ҳамчун нишондиҳандаи рушди руҳияи одамони ҳамон давра фаҳмид, зеро

зардуштия ду идеяи бузургеро тарғиб менамуд, ки онҳо идеяи Некӣ ва идеяи Худо буданд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ - **“Масъалаҳои баробарии иҷтимоӣ ва адолат дар таълимоти фалсафию динии мутафаккирони асримиёнагии тоҷик”** аз чор зербоб иборат буда, дар он принсипҳои асосии рушди баробарии иҷтимоӣ ва адолати иҷтимоӣ аз нигоҳи мутафаккирони асримиёнагӣ таҳлил ва баррасӣ гардидаанд.

Дар зербоби якуми боби дуюм **“Озодӣ, башардӯстӣ, баробарҳуқуқӣ ва идея дар бораи ҳокими одил ҳамчун асоси таълимоти машшоия дарбораи баробарии иҷтимоӣ”** диссертант иброз медорад, ки озодӣ, башардӯстӣ, баробарии инсонҳо аз мураккабтарин ва муҳимтарин масъалаҳои тамоми таърихи инсоният аст. Чунин мафҳумҳои умумибашарӣ ҳеч гоҳ барои ҳамаи одамон дар ҳамаи замонҳо ба як маъно набудаанд. Дар ин маврид, инчунин, набояд фаромӯш кард, ки дар ҷомеа “озодӣ” ҳамчун кафили баробарии иҷтимоӣ баромад мекунад. Таъминшавии озодӣ бошад, аз идоракунандагони давлат (дар гузашта Шоҳи Одил) вобаста аст. Яке аз барҷастатарин мунодии баробарӣ ва адолат дар таърихи асримиёнагии фалсафаи тоҷик файласуф ва алломаи замони Сомониён Абунасри Форобӣ мебошад. Ӯ дар осори илмии худ масоили ташаккули иттиҳодияҳои одамон, пайдоиш ва вазифаҳои давлат, шаклҳои давлатдорӣ, хусусияти зисти шаҳрӣ, адолат, нақши инсон дар ҷомеаро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аз нигоҳи ӯ, заминаи баробарии иҷтимоӣ ин тақсимоти одилонаи неъматҳои моддӣ мебошад, ки миёни сокинони мадина бахшу қисмат шудааст. Дар истеҳсоли ин неъматҳо ҳар як сокини мадина саҳми худро гузоштааст ва бояд мувофиқи меҳнаташ ҳақ гирад.

Муаллифи диссертатсия бар он назар аст, ки ба таҳқиқи масъалаҳои ҳокимияти сиёсӣ ва асоси ҳуқуқии он пардохта, Ибни Сино, зикр менамояд, ки ҷомеа аз рӯи адолат ва тартиби махсус идора карда мешавад. Давлат унсури муҳимтарини ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **“Масъалаҳои баробарӣ ва адолат дар фалсафаи калом”** диссертант масъалаҳои асосии баробарӣ ва адолатро аз нигоҳи намояндагони таълимоти калом Муҳаммад Ғаззолӣ ва Абумансури Мотуридӣ баррасӣ менамояд. Проблемаи баробарии иҷтимоиро Ғаззолӣ дар асари маъруфи хеш «Насиҳату-л-мулук» баррасӣ кардааст. Дар идеяҳои Ғаззолӣ оид ба адолат паҳлӯҳои мухталифи муносибатҳои ҷамъиятиро мушоҳида менамоем. Дар асари мазкур ӯ, асосан, масоили рушди ҷомеа ва давлатро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Барои тамоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳодисаҳои ҳаёт мутафаккир нахуст иродаи Худовандро сабаб медонад. Аз нуктаи назари Ғаззолӣ, Худованд давлатро бе таъсири омили беруна офаридааст, зеро барои Худои муктадир мавҷудияти ҳеч гуна сабаб лозим намебошад. Барои таъмини баробарии имкониятҳо дар ҷомеа бошад, нақши калидиро шоҳ мебозад. Дар маҷмуъ, масъалаи баробарӣ ва адолат яке аз мавзуъҳои мубрами фалсафаи калом ба шумор меравад, ки татбиқи онҳо дар ташаккули шартҳо ва муқаррар кардани қоидаю қонуният дар муҳити иҷтимоӣ, ҳамзамон робитаи байни ахлоқ ва қонун нақши арзишмандро бозида, биниш ва дониши инсонҳоро дар бораи баробарӣ, озодӣ, адолат ва меъёрҳои он возеҳу фароҳ мегардонад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм **“Проблемаи адолатӣ иҷтимоӣ ва баробарӣ дар таълимоти исмоилия”** таъкид шудааст, ки яке аз масъалаҳои асосии таълимоти исмоилияро ғояи адолати иҷтимоӣ ва баробарии сиёсӣ ташкил медиҳад. Истисмори инсонҳо, рақобату зиддиятҳои носолим ва беқадрии илму маънавиёт яке аз сабабҳои буҳрони адолат дар замонҳои мухталифи таърихӣ маънидод мегардад. Дар чунин раванд шакл гирифтани шуури ҷамъиятиро муҳаққиқон бо сабаби беэътиборӣ ва қобилияти шинохт надоштани идоракунандагони давр мебинанд.

Инсонҳо барои ба даст овардани неъматҳои ҷамъиятӣ бояд баробар имконият дошта бошанд. Парҳезкорӣ, шикасти нафс, ғалаба бар хислатҳои эгоистӣ, дӯст доштани диёр, такя бар илму хирад аз омилҳои калидӣ барои

бунёди ҷомеаи боадолат ва таъминии баробарии аъзои он маънидод мешаванд.

Дар зербоби чоруми боби дуюм **“Идеяи баробарии инсонҳо дар тасаввуф ва таълимоти ахлоқӣ”** зикр шудааст, ки проблемаи баробарии иҷтимоӣ дар таълимоти яке аз намояндагони мактабҳои ахлоқӣ Кайковус мақом ва ҷойгоҳи арзишмандро соҳиб буда, баробарии иҷтимоӣ дар маънои васеи назариявӣ мавриди эътибори ӯ қарор дорад. Хирадпарастӣ, такя ба ҷаҳонбинии илмӣ, ахлоқ ва шикасти худпарастӣ барои Кайковус яке аз омилҳои калидӣ дар роҳи ноил шудан ба ҷомеаи боадолат ва баробарии иҷтимоӣ мебошанд. Дар маҷмуъ, идеяи баробарии инсонҳо дар тасаввуф ва таълимотиахлоқии мутафаккирони тоҷик дар шаклҳои ормонӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ зуҳур карда, онҳо дар муайян кардани баробарӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ, адолат ва беадолатӣ, озодӣ ва ноозодӣ, ахлоқ ва бадахлоқӣ саҳми арзишманд гузоштаанд.

**Эродҳо ва хатогиҳои баҳсталаб доир ба натиҷагирии диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи Салимов А.И. баъзе аз камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки баррасии пешниҳод такмили корҳои илмӣ-таҳқиқотии минбаъдаи диссертант мусоидат менамоянд:

1. Мавзӯи таҳқиқшаванда васеъ буда, доираи мушаххаси илмии онро муайян кардан душвор аст. Аксарияти зербобҳои он метавонанд, мавзӯи алоҳидаи таҳқиқотӣ бошанд.

2. Ҳангоми омӯзиши диссертатсия маълум гашт, ки диссертант дар баъзе ҳолатҳо қонуни нави “Имлои забони тоҷикӣ”-ро риоя накардааст. Мисол, ӯ ҳангоми пайваст кардани бандаки изофии “и” ба калима “муҳим”, чунин навиштааст: “муҳимми” навиштааст, ки мувофиқи имлои нав ғалат аст ва шакли дурусти он “муҳими” мешавад.

3. Диссертанд, дар диссертатсия баъзан ибораҳои оммиёнаи “қобили зикр аст, ки”, “бояд зикр намуд, ки” ва ғайраҳоро истифода намудааст, ки моҳияти илмии диссертатсияро коста месозад.

4. Муҳаққиқ дар диссертатсия доир ба таҳқиқоти муосире, ки дар мавриди таълимоти исмоилия дар ватан сурат гирифтааст, кам истифода кардааст. Мисол, шояд диссертант дар бораи монографияи Назариев Рамазон дар мавриди “Социальная философия «Ихван ас-Сафа» и Насира Хусрава” хабар надошта бошад. Инчунин, дар бораи адолати иҷтимоии таълимоти исломилия, танҳо аз осори Носири Хусрав истифода кардааст. Аз осори донишмандони асрҳои миёнаи исмоилии дигар, аз қабили Ҳамидуддини Кирмонӣ, Абуяъқуби Сиҷистонӣ истифода накардааст.

Мувофиқати диссертатсия ба «Талаботи додани дараҷаҳои илмӣ» ҳамаи пешниҳод ва нуктаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳо асоснок буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ тасдиқ шудаанд ва аҳамияти илмӣ доранд.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқаррааргардида ҷавобгӯ мебошад. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро пурра ифода менамоянд. Мавзуъ, ихтисоси илмии интихобшуда, мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва мақолаҳои чопнамудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба шиносномаи ихтисоси Шурой диссертатсионии 6D.КОА-029 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз руйи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз руи натиҷаҳои назариявӣ, хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррар намудани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи **«Идеяи баробарии ичтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик»** аз руйи натиҷаҳои илмии бадастоварда ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия Салимов Аслиддин Иномҷонович сазовор ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа мебошад. Тақриз дар маҷлиси кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи

техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ - 26-уми октябри соли 2023, суратмаҷлиси №3 муҳокима ва тасдиқ гардидааст. Дар маҷлиси кафедра 17 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафтор» - 17 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Омодасози лоиҳаи тақриз: н.и.ф. и.в.,
дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ Қурбоншоев И.Ҷ.

Раисикунанда: мудири кафедраи фанҳои
ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи академик
М.С. Осимӣ н.и.т., дотсент Шарофов Э.У.

Имзои Шарофов Э.У. ва Қурбоншоев И.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДТТ ба номи М.С. Осимӣ Қодирзода Н. Ҳ.